ПРОТОКОЛИ № 19
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-079
назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 12-уми июли соли 2025 ш.Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар

Раиси шуро: Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №364 ш/д тасдиқ шудааст, 14 иштирок доранд. Аз инҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ-иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ.

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор Шоисматуллоев Шоназар ва аъзои комиссия доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон ва доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ-иҷтимоӣ)» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ-иҷтимоӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ-иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Назар Мумин Абдуҷалол – доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– Саидзода Шуҳрат Шукур – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 11-уми октябри соли 2025, соати 13-00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _____ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _____ Сангинов Н.Н.